# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «02» 12 соли 2024 № 409/шд ш. Душанбе

*Дар бораи қатъ кардани фаъолияти шурои диссертатсионӣ*

Мутобиқи сархати 15 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, № 270), сархати 1 банди 121 ва банди 122 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бинобар риоя накардани талаботи бандҳои 2, 3, 6 ва 7 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267) ва банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267) дар мавриди қабул ва баррасии парвандаҳои аттестатсионӣ ва диссертатсияҳои Расулзода Бахтиёр Раҳмонбердӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи 06.01.01-Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ; Назирзода Рамазон Сафар барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ ва Ниҳмонов Иматбег Сироҷович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, фаъолияти шурои диссертатсионии 6D.КОА-065 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур қатъ карда шавад.

2. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Муродзода А.А.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия чораҳои зарурӣ андешад.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2024, № 12

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ